**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-043-и**
**назди Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Анварзода Самандар Анвар дар мавзуи "Асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

Диссертатсияи номзадии Анварзода Самандар Анвар дар мавзуи "Асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии ман омода карда шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Анварзода Самандар Анвар унвонҷӯи шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор мерафт ва ҳамзамон, дар вазифаи прокурори шуъбаи назорати иҷрои қонунҳо дар ҷойҳои ҳабси пешакӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон кору фаъолият менамуд.

Анварзода С.А. бо фармоиши сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми марти соли 2021, № 243 ба ҳайси унвонҷӯи шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуда, онро моҳи апрели соли 2025 хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи васеи Шурои олимони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 апрели соли 2024, № 8 мушаххас ва тасдиқ карад шудааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 6 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 3 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои нашргардидида фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии интишороти довталаб зиёда аз 3,56 ҷузъи чопӣ мебошанд.

Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

Диссертатсияи Анварзода Самандар Анвар дар мавзуи «Асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ»ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мутобиқат мекунад.

Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст. Ҳаҷми диссертатсияро 217 саҳифа ташкил медиҳад.

Навгонии таҳқиқоти диссертатсионии Анварзода Самандар Анвар дар 12 номгӯйи нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда коркард гардида, дар маҷмуъ паҳлуҳои гуногуни мавзуи интихобгардидаро таҳлил намудааст.

Дар ҷараёни омода намудани таҳқиқоти диссертатсионӣ Анварзода Самандар Анвар худро аз ҷиҳати мусбат нишон дода, тамоми дастуру супоришҳо ва таклифҳоро оид ба мукаммал сохтани матни диссертатсия пурра иҷро кардааст.

Чи тавре, ки маълум аст, тартиби пешниҳод намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки барои фаъолияти мурофиаи ҷиноятӣ аҳаммияти бевосита ва муайян дорад, мутобиқи м. 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ" ба танзим даровaрда шудааст. Тартиби пешниҳод намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ва суд бо дастурамалҳои махсуси идоравӣ, ки ҳар як мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ онро қабул кардааст, ба танзим даровaрда мешавад.

Мутобиқи ин санади ҳуқуқӣ аз ҷониби воҳидҳои оперативӣ натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар асоси қарори тасдиқнамудаи роҳбари мақомоте, ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро амалӣ менамояд, ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор, судя ё суд барои омӯзиш ва қабули қарори мурофиавӣ тибқи м.м. 84 ва 86 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад. Ин маънои онро дорад, ки мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ва мутобиқи тартиби дар «Дастурамал оид ба тартиби пешниҳод намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба

таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя ва суд дар мақомоти корҳои дохилӣ» нишондодашуда, ки бо Фармони ВКД аз 12 июли соли 2010 таҳти № 16 тасдиқ шудааст, ҳуҷҷатҳои оперативӣ-хизматӣ ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор, судя ё суд супорида мешаванд ва онҳо баъд аз муайян намудани мансубият ва аҳаммиятнокиашон барои пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ метавонанд ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ карда шаванд.

Ҳангоми омода намудани мавод ҳатман бояд ба назар гирифт, ки маълумот дар бораи қувваҳо, воситаҳо, манбаъҳо, усулҳо, нақшаҳо ва натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯии ғайриошкоро истифода бурда мешаванд ва ё истифода бурда шудаанд, инчунин, маълумот дар бораи шахсоне, ки ба муҳити ҷиноятӣ ворид карда шудаанд, дар бораи кормандони штатии ғайриошкоро, дар бораи шахсоне, ки ба таври махфиёна ба мусоидат менамоянд (ё мусоидат намудаанд), ҳамчунин, маълумот дар бораи ташкил ва тактикаи гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ сирри давлатиро ташкил медиҳанд.

Пеш аз он, ки чунин мавод пешниҳод карда шавад, маълумоти мазкур дар асоси қарори асоснокшудаи корманди мақомоте, ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро амалӣ менамояд, бояд ғайримахфӣ гардонида шаванд. Қарор дар бораи ғайримахфигардонии чунин маълумот аз ҷониби роҳбаре, ки ба он салоҳияти дахлдор дорад, тасдиқ карда мешавад.

Номгӯйи шахсони мансабдори мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки ҳуқуқи баровардани қарор дар бораи пешниҳод намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор, судя ва ё суд доранд, ба номгӯйи шахсони мансабдоре, ки ҳуқуқи дар қарорҳо гузоштани имзо ва тасдиқ намудани супоришҳо ҷиҳати гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯиро доранд, мувофиқат мекунад. Номгӯйи шахсони номбаргардида бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии идоравӣ муайян карда мешавад.

Қисман ҷанбаҳои дарҷгардида ва масоили мубрами самти таҳқиқоти хешро Анварзода С.А. дар сатҳи дахлдор коркард кардааст.

Гуфтаҳои боло шаҳодати онро медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳаматарафа ва пурра анҷом дода шудааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионии Анварзода Самандар Анвар дар мавзуи “Асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти

оперативӣ-ҷустуҷӯӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ба ҳимоя тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**Вазири корҳои дохилии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои ҳуқуқ, дотсент,**
**Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон,**
**генерал-полковники милитсия** **Раҳимзода Р.Ҳ.**